**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 172 с.**

Дар баҳси анъана ва навоварӣ, ки дар адабиётшиносии тоҷик дар солҳои 60 давом дошт, бештари мубоҳисачиён онро асосан аз масъалаи вазн, яъне аруз иборат дониста, ибрози назар мекарданд. Масъалаи жанр як андоза аз назар дур монда, то ҳоло мавриди тадқиқи чуқуртаре қарор намегирад. Навовариро танҳо ба вазни шеър ва падид омадани анвои нави адабӣ дар адабиёти садаи XX маҳдуд донистан лозим нест. Балки онро мешавад аз аҷзои анвои суннатӣ дар мисоли тозакориҳо дар забону баён ва ворид шудани таркибу ибораҳои тоза ва ҳатто қолабшиканиҳо дар дохили қолабҳои суннатӣ ҷустуҷӯ кард. Аз ин дидгоҳ нақши шоирони ин давра, бавижа шоирони солҳои 60-70 назаррас аст, ки Ғоиб Сафарзода ҳам яке аз онҳост.

Ғоиб Сафарзода агарчи зиёд умр надидаст, вале тавонистааст дар миёни ҳамнаслонаш худро чун шоир нишон диҳад, мувофиқ ба тавону қудрати худ дар таҳаввул ва такомули шеъри ин давра саҳм гузорад. Умри зиёд надиданаш боиси камтар таваҷҷуҳ намудани нақду адабиётшиносии тоҷик ба осораш шуда ва то кунун дар ин замина пажуҳиши густардае сурат нагирифтааст. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи масъалаҳои пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ҷусторҳои ҳунарии Ғоиб Сафарзода ва таъйини саҳми ӯ дар шеъри замонаш таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «Ғ. Сафарзода... дар муддати 12-13 соли фаъолияти эҷодӣ тавонист худро ҳамчун шоири боистеъдод муаррифӣ намояд. Шеъри ӯ дар ҳамин муддати кӯтоҳи фаъолияти эҷодиаш марҳала ба марҳала тақвият ёфта, унсурҳои тасвиру таҳлили бадеии воқеияти имрӯзу гузаштаро доро гардидааст...

Тадқиқоти анҷомёфта фарогири вижагиҳои шеъри шоир буда, мақоми ӯро дар адабиёти солҳои 60-70, дар муқоиса бо ашъори ҳамзамонону ҳамнаслонаш, муайян менамояд» (диссертатсия, саҳ. 3).

Таҳқиқу пажуҳиши осори Ғоиб Сафарзода, дар замони барҳаётии ӯ ва баъд аз марг каму беш дар мадди назари суханшиносону муҳаққиқон ва адибону рӯзноманигорон будааст. Дар тақвияти андеша метавон аз қайду хотирот, тақризу мақолаҳои Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шукуров, Юусуф Акбаров, Худойназар Асозода, Субҳон Давронов, Шовалӣ Сайидҷаъфаров, Муъмин Қаноат, Шоҳайдар Ёдгорӣ, Асадулло Саъдуллоев ва дигарон ёдовар шуд. Идомати ин амалро дар фаъолияти пажуҳишгарии насли нави адабиётшиносон ва унвонҷӯёну аспирантон низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод кардани диссертатсияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи ««Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" андешаҳои фавқро собит менамояд.

Фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода аз оғоз каму беш дар мадди назари шоирону нависандагон, адабиётшиносону мунаққидон қарор дошта, дар ин пажуҳиш паҳлуҳои норавшану таҳқиқнашудаи рӯзгору осори ӯ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи Ҳамзаев Муҳриддинро омӯзишу таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – ҷусторҳои ҳунарии Ғоиб Сафарзода ба таври татбиқӣ бо шеъри солҳои 60-70 ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ бо роҳнамоӣ ва роҳбарии доктори илми филология, профессор, академики АМИТ Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ кори илмӣ-таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст паҳлуҳои ҳунарии шеъри Ғоиб Сафарзода ба таври татбиқӣ баррасӣ шуда, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули жанрҳои адабӣ, падидоии анвои нави адабӣ дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои муҳтаво, таъбиру тасвирҳои шоирона ва забону баёни шеъри солҳои мавриди назар руҷуъ шудааст. Дар диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин таҳқиқи ашъори Ғоиб Сафарзода аз нигоҳи шаклу мазмун, анъана ва навоварӣ, забону баён, тасвиру таъбирофаринӣ, ки пайванд ба ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ доранд, ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешавад, ки дар диссертатсия аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносии ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои он, интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ

бармеоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод ва дурнамои мавзуи таҳқиқ муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши он дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва осори адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маводи конференсияҳои илмии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва 2 мақола дар маҷаллаи адабии «Садои Шарқ» чоп шудааст. **Маводи интишоршуда** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос ва саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект, методология ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои баррасӣ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки дар илми адабиётшиносии тоҷик ва шинохту таҳқиқи осори Ғоиб Сафарзода аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби аввали диссертатсия «Раванди навгароӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70» ном дошта, дар фасли аввали он роҷеъ ба замина ва омилҳои асосии навоварӣ дар шеър таҳқиқи густарда сурат гирифтааст.

Ба назар мерасад, ки вазъи сиёсию иҷтимоии поёни асри XIX, густариши робитаҳои сиёсию иқтисодии Аморати Бухоро бо Русия, падидойии ҷараёнҳои маорифпарварӣ, таҷаддудгаройӣ, таъсири тамаддуни ғарбӣ, вусъат ёфтани тарҷума, бунёди мактабҳои нав, пайдоиши ҷараёнҳои шаклпарастӣ, самбулизм дар адабиёти Аврупо ва Русия дар дигаргун шудани шеъри ин давра таъсир гузоштаанд.

Дар фасли дуюми боби аввал муаллиф ба замми он, ки масъалаи навоварӣ дар суннатро матраҳ намудааст, дар алоҳидагӣ ба жанрҳои шеъри суннатӣ руҷуъ мекунад, онҳоро ба таҳқиқ гирифта, ба натиҷае мерасад, ки тағйири сохтории шеър ба онҳо сахт вобаста аст. Дар ин ҷараён анвои шеъри суннатӣ ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати муҳтаво тозагӣ пайдо мекунад.

Дар фасли сеюми боби мазкур, ки марбут ба масъалаи анвои нави адабист, муаллиф дуруст дарёфтааст, ки арузи нав бори нахуст дар шеъри устод Айнӣ ба вуҷуд омад ва баъд аз ӯ то замони Муъмин Қаноат истифодаи муваффақона надошт. Тозакориҳои шоирон то замони Муъмин Қаноат асосан дар дохили вазни аруз сурат гирифтааст. Муаллиф нақши чаҳорпорараро дар таҳаввули аруз арзёбӣ карда, бо мисолҳои зиёд ба исбот расондааст.

Асоситарин равандҳо ва фаъолиятҳое, ки дар ташаккули шахсияти адабии Ғоиб Сафарзода таъсиргузор буданд, дар фасли аввали боби дуввуми диссертатсия ба таҳлилу таҳқиқ омадаанд. Дар он нақши маҳфилҳои адабӣ, ҳузур дар суҳбати устодони адабиёт, мукотибаҳои Соҳиб Табаров бо шоири ҷавон, сафарҳои хидматӣ ва ширкат дар чорабиниҳои бузурги адабӣ, дар фасли дуюм рӯ овардан ба тарҷума ва дар фасли сеюм ба нақди осори адабӣ ва ҳунарии замони худ пардохтани Ғ. Сафарзода таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

«Ғоиб Сафарзода ва ҷусторҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70» боби сеюми диссертатсия аст, ки дар он сохтор, мавзуъ ва ҷанбаҳои ҳунарии шеъри шоир мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар фасли аввали боби мазкур ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри Ғ. Сафарзода бо орои тасвирҳои тоза ва нигариши нав ба мавзуъ дар заминаи шеъри шоирони пешкисвати замони ӯ таҳқиқ шудааст. Ворид шудани гӯишҳои мардумӣ, ҳузури таркибу вожаҳои классикӣ, паҳлугардон кардани таркибу ибораҳои шеъри куҳан, сохтани тасвиру ташбеҳоти нав, ба таври воқеӣ нигоридани манзара ва тасвири зиндагии воқеии инсон аз ҷумлаи мавзуъҳое мебошанд, ки дар ин фасл мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

«Эҷодиёти Ғоиб Сафарзода дар манзари накди адабии тоҷик» фасли дуюми ин боб аст, ки дар он аз ҷониби мунаққидон ва адибон накду баррасии ашъори шоир ба таҳқиқ гирифта шудааст. Дар он қайд мешавад, ки дар замонаш накди адабӣ ба таври лозим ба ашъори шоир таваҷҷуҳ накарда, баъдан ҳам арзишдовариҳои воқеӣ ба қалам наовардааст.

Дар фасли сеюми боби мазкур фаъолияти адабию бадеӣ, ташхиси масъалаи суннат ва навовариҳо, арузи озод ва чаҳорпора дар шеъри шоир мавриди пажуҳиш қарор гирифта, натиҷигирӣ мешавад, ки онҳо дар муаян намудани мавқеи ӯ дар шеъри солҳои 60-70 аҳаммияти хоса доранд.

**Хулосаи диссертатсияи** Ҳамзаев Мухриддин Қаландарович бо фарогирии муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф дар 17 банд фароҳам омадааст ва дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истиноди зарурӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳо ва муҳокимаю натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия таъкиди бархе камбудӣ ва норасоиҳоро бо мақсади дар корҳои минбаъдаи муаллиф ба назар гирифтану ислоҳ карданашон зарур меҳисобем:

1. Дар бахши "Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ" оид ба кадом соҳаҳо истифода шудани диссертатсия гуфта шудааст, ки он метавонад дар қатори дар чанд самти дигар ба кор бурда шуданаш "... барои арзёбии осори адабии замони истиқлол истифода шавад" (дисс., саҳ. 12), ҳол он ки диссертатсия осори солҳои шасту ҳафтоди садаи бист эҷодшудаи Ғоиб Сафарзодаро ба таҳқиқ гирифтааст, ки пеш аз даврони истиқлол аст.

2. Дар фасли сеюми боби аввал "Пайдоиш ва таҳаввули анвои нави адабӣ дар шеър" оид ба ворид шудану ривоҷ ёфтани чаҳорпора таъкид мешавад, ки "билхоса таъсири мустазод... дар ташаккули он назаррас аст" (дисс., саҳ. 59), вале таҷрибаи мавҷуда нишон медиҳад, ки барои он пеш аз ҳама таъсири чаҳорпораи шеъри русӣ, ки заминаи реалистӣ – вуқуъгароии он қавист, асосист ва ба ҳамин шакл эҷод шудани достони "Ҳасани аробакаш"-и Мирзо Турсунзода ҳам далели ин аст.

3. Баъзан муаллифи диссертатсия дар шарҳи ҳодисаҳои адабӣ муболиға мекунад. Масалан, оид ба мавзуи ба кайҳон рафтани инсон дар фасли якуми боби сеюм навиштааст: "Тасвири воқеии ин мавзуъ дар шеъри солҳои 40-50 он қадар корхӯрдаю обшуста шудааст, ки дигар ҳоҷати таваҷҷуҳ ба он дар шеъри шоирони солҳои баъд ҳам намонда буд" (дисс., саҳ.105-106), ҳол он ки дар он солҳо на танҳо "тасвири воқеӣ" – ии он набуд, балки ҳоло парвози воқеии инсон ба кайҳон воқеъ нашуда буд.

4. Дар диссертатсия анвои шеър дуруст тавсиф шудаанд, вале нодурустиҳо ҳам ба назар мерасанд, ҳамчунон ки дар таъини шеъри

иҷтимоӣ рух додааст. Муаллиф менависад: “Шеъри замони шуравӣ... ки шеъри иҷтимоӣ буд, ба шоирон камтар даст медод, то гардишҳои чашмрасеро дар ҷустуҷӯҳои ҳунарии худ ба миён биёранд” (дисс., саҳ.114). Дар куҷо гуфта шудааст, ки шеъри иҷтимоӣ ба ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ монеъ мешудааст, ин чиз на ба навъу мавзуву муҳтавои шеър, балки ба ҳунари шоир вобаста аст.

5. Дар яке аз хулосаҳои худ муаллиф чунин менависад: “Бо вуҷуди баҳсҳои пайҳам дар атрофи ғазал ва инкори он, ин жанри суннатӣ рӯ ба ривоҷ дошта, аз диди ҷусторҳои ҳунарӣ муҳтавои худро қавӣ кардааст” (с.150), ки ин ақида ба ҳақиқати илмӣ мухолиф аст, зеро маълум аст, ки агар муҳтаво ночизу нотавон бошад, онро ҳунар қавӣ карда наметавонад, балки баръакс муҳтавои қавӣ ҳунари ба худ муносибро эҷод мекунад.

6. Дар муайян кардани афоили вазни арӯзии хафифи мусаддаси махбуни мақсур (ё аслам) хато рафта, он ҳамчун фаъилотун мафоилун фаълун (с. 48) нишон дода шудааст (УУ- -/У-У-/- - ҳол он ки афоили аввали он на фаилотун, балки фоилотун аст. Мисол дар ин шеъри Пайрав Сулаймонӣ:

...Аҷабо!
Ин чӣ саҳнаи мудҳиш?
Чист афтода?
Духтаре мадҳуш.
Ҳамла оварда кист, ҳон?
Эй ёр!!!... (дисс., саҳ. 48).

7. Дар диссертатсия инҳирофҳои сабку забон ҳам ба назар мерасанд. Дар аввал бояд қайд шавад, ки маъмулан таҳқиқоти илмӣ ва махсусан диссертатсия барои дарёфти унвони илмӣ бо сабки ҷумлаҳои бешахс навишта мешавад, ки он дар баъзе ҷойҳо риоя нашудааст. Масалан: “Тадқиқоти анҷомдодаи мо” (дисс., саҳ. 3), “...моро водор кард, ки...” (дисс., саҳ. 11) ва монанди инҳо.

Эродҳои мавҷуда ислоҳпазир буда, дар рафти таҳия ва нашри монография ба инобат гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович меафзоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)” ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, сарходими
шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Ҳакимов А.О.
«27» декабри соли 2024.

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили
Сомонӣ,кӯчаи Гагарин, 14.
Тел.: 901-61-01-77
E-mail: askar_harim@mail.ru

Имзои Ҳакимов Аскар Олимовичро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
Махсуси Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел.: +992 (37) 2272207; +992 (37) 2277550
E-mail: izar.rudaki@gmail.com
«27» декабри соли 2024